**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 32 саҳ).**

Истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳифзи он дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мадди аввал гузошта шудааст. Пас аз таъсири ҷиддии манфии фаъолияти хоҷагидории инсон низоми экологӣ на ҳамеша қобилияти мустақилона барқарор шуданро дорад. Ба ақидаи олимон, муносибати беэътиноёна ба табиат ҷаҳонро қариб ки ба фалокати экологӣ оварда расонидааст.

Ифлос намудани табиат, дар навбати аввал ба саломатии одамон таъсири манфӣ мерасонад ва боиси афзоиши бемориҳои ирсӣ мегардад.

Имрӯз инсоният бо масъалаи ҷиддӣ рӯбарӯ гардидааст, ки аз доираи сарҳади давлатӣ берун мебарояд. Ин масъалаи нарасидани оби тоза ва истифодаи самараноки об барои ҳаёт мебошад.

Новбаста ба он, ки об тақрибан 70% рӯйи сайёраро ташкил медиҳад, танҳо 2,5% аз ин андоза оби нушокӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, барои инсон танҳо 0.3% захираҳои ҷаҳонии оби нушокӣ дастрас мебошад, андозаи зиёди об дар шакли пиряххо ё дар қаъри замин мавҷуд мебошанд. Инсоният аллакай дар айни замон маҷбур аст, ки дар шароити камобии афзоянда зиндагӣ намояд.

Тоҷикистон аз захираҳои обӣ бой мебошад, аммо дар истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ то ҳол мушкилотҳои зиёд ҷой доранд. Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни «Суханронӣ дар ҷаласаи сатҳи баланд, дар мавзуи «Татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои марбут ба оби Рӯзномаи 2030» дар қолаби маҷозӣ ироз намуданд, ки «...ҳанӯз ҳам 29% (фоизи) аҳолии кураи замин ба оби нӯшокии безарар ва 55% (фоизи) он ба хизматрасонии оддитарини соҳаи беҳдошт дастрасӣ надоранд».

Вобаста ба мавқеи географии худ қариб ҳама давлатҳои Осиёи Марказӣ асосан аз захираҳои пурарзиши обии Тоҷикистон вобастагӣ доранд. Бинобар ин, ҷараёнҳои манфии бо тағйирёбии иқлим алоқаманд ва масъалаҳои оқилона истифода бурдани захираҳои об дар минтақа, бо истифодаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ қарор доранд.

Бинобар ин, масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об, ки таҳқиқбаранда Абдуллозода Баҳодур Валӣ рисолаи илмии худро дар ин хусус ба анҷом расонидааст, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти калонро соҳибанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Пажӯҳишгар масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани обро бо дарназардошти ҷанбаҳои таърихӣ, яъне бо истифода аз таҷрибаи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон баррасӣ намуда, низоми ҳуқуқии шуравиро бо низоми ҳуқуқи муосири Тоҷикистон муқоиса карда, хулосабарорӣ намудааст. Дар ин замина, як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории кишвар оид ба ифлос кардани об бисёр пураҳаммият мебошанд. Диссертант таҳқиқоти рисолаи илмии худро дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳавиро дар самти ифлос кардани об пешбинӣ намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

Беҳтар мебуд, агар муаллиф шаклҳои гуноҳро дар м. 226 КҶ ҶТ ба таври амиқ нишон медод. Зеро, шаклҳои гуноҳи барои ҷинояти ифлос кардани об хос буда, ки муаллиф дар қисмати навгонӣ пешниҳод намудааст, мубоҳисавӣ буда, аз муаллиф шарҳи иловагиро талаб менамояд.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва танҳо масъалаи мавриди назар мубоҳисавӣ мемонад.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духӯрагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 8 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Абдуллозода Баҳодур Валӣ мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши илмӣ бо забони давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳо вобаста ба он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи номзадии Абдуллозода Баҳодур Валӣ мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил шуда, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуқтаҳои нави илмӣ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Абдуллозода Баҳодур Валӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини ректор оид ба корҳои илмии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**
**д.и.х., профессор** **Сангинзод Д.Ш.**

**Имзои Сангинзод Д.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрхо**
**ва корхои махсус** **Мустафозода А.**

**Суроға: 734003 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: 224-13-83 e-mail: info@tgpu.tj.**

**«__2__» ___11___ 2024 с.**